*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон, 734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи*
*Нахимов 64/14, E-mail:faridullo72@mail.ru*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзӯи "Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), пешниҳод шудааст.**

Рушди технологияҳои рақамӣ ва истифодаи он дар низоми бонкии кишвар имконият медиҳад, ки фаъолияти онҳо такмил дода шавад. Дар ин замина бояд қайд кард, ки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ имконият медиҳад, ки тақвияти минбаъдаи фаъолияти онҳо таҳлил гардида, таъсири стратегии рушд ба раванди ташаккули муносибатҳои молиявии онҳо таъсиргузор бошад.

Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои молиявии онҳо маротиба зиёд карда шаванд. Яъне, татбиқи технологияҳои рақамӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ имконият медиҳад, ки низоми нави хароҷотҳоро таҳия намуда, самтҳои истифодабарии онҳоро муфид намоянд.

Дар автореферат қайд карда шудааст, ки таҳқиқи асосҳои институтсионали фаъолияти низоми бонкӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан камтар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, метавонад дар таъмини фаъолияти густурдаи низоми бонкӣ ва самаранокии амалиёти бонкӣ таъсиргузор бошад. Дар ин раванд, зарур аст, ки ҳамоҳангии низоми бонкӣ бо дигар субъектҳои иқтисодӣ баррасӣ шавад ва стратегияи рушд ҳамчун механизми таҳкимбахши фаъолияти низоми бонкӣ баромад намуда, мавқеи ташкилотҳои қарзиро дар иқтисодиёт таҳрик бахшад.

Диссертант қайд менамояд, ки масъалаи татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои охир зери таъсири буҳронҳои молиявӣ зиёд ба назар мерасад, таҳияи дурнамо ва ё стратегияи рушд барои ташкилотҳои қарзӣ яке аз самтҳои асосӣ дониста мешавад.

Дар автореферат масъалаи татбиқи стратегияи рушд дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шудааст, ки самаранокии стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ ба сатҳи татбиқи он вобаста мебошад. Нишон дода шудааст, ки дар

сурати пурра татбиқ нагардидани бандҳо ва қисматҳои алоҳидаи стретегияи рушд, нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо коҳиш ёфта, дар мӯҳлатҳои муайян онҳо пардохтпазирии молиявии худро аз даст медиҳанд.

Дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ дар автореферат камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

– беҳтар мебуд, ки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бештар ба татбиқи технологияҳои рақамӣ нигаронида мешуд;

– дар автореферат ҷадвалҳо ва диаграммаҳо кам оварда шудаанд, ки шояд ба мӯҳтавои илмии он таъсир намоянд.

Эродҳои пешниҳодшуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва сатҳи илмии автореферати диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновнаро коҳиш намедиҳанд.

Дар асоси баррасии автореферати диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна бояд қайд намоям, ки он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**декани факултети иқтисод ва идораи**
**Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия**
**Фозилханов Д.О.**

Имзои н.и.и., дотсент Фозилханов Д.О.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳои**
**Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия** **М.Н. Исмоилова**

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ ... ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ... ТАДЖИКСКИЙ СЛАВЯНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия, кӯчаи М. Турсун-зода, 30. Тел: (+992 37) 221 35 50, E-mail: rtsu.tj